Ассотсиатсияи миллии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) Ҷумҳурии Тоҷикистон

Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ

# РОҲНАМОИ ДЕҲҚОН



ДУШАНБЕ -– 2011

Дастурамали мазкур дар доираи лоиҳаи кӯмаки техникии Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналхалқӣ (JICA) «Беҳтар намудани хизматрасонӣ, дониш ва таҷриба дар соҳаи кишоварзӣ тавассути мустаҳкам намудани ташкилотҳои кишоварзӣ дар Тоҷикистон" ба нашр расидааст.

*Бахши кишоварзӣ яке аз соҳаҳои муҳимтарини иқтисоди миллӣ буда, таъмини ҳадафи стратегии ҳукумат, яъне амнияти озӯқаворӣи мамлакат асосан аз сатҳи рушди он вобаста мебошад.*

*Эмомали РАҲМОН*

## САРСУХАН

Истиқлолияти сиёсии кишвар имконият фароҳам овард, ки соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқи кишвар, иқтисодиёту иҷтимоиёт сол аз сол рӯ ба инкишоф оваранд. Ҷихати рушди хоҷагии халқи кишвар барномаҳои дарозмухлату миёнамӯҳлати ислоҳоти иқтисодӣ роҳандозӣ мегарданд, ки аз амалӣ шудани онҳо барои пешрафти тамоми соҳаҳо шароиту имконият фароҳам меояд.

Мавриди зикр аст, ки дар раванди ислоҳоти иқтисодӣ дар баробари дигар соҳаҳо соҳаи кишоварзӣ низ таҷдид гардида, дар заминаи он шаклҳои нави хоҷагидорӣ, махсусан хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ба вуҷуд омаданд, ки ба рушди соҳа мусоидат менамоянд.

Хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) субъекти мустақили хоҷагидорӣ мебошад, ки ҳуқуқ дорад бо истифода аз амвол ва замини дар ихтиёраш қарордошта маҳсулоти кишоварзӣ истеҳсол намояд, онро коркард намояд ва ба фурӯш барорад.

Нишонаи хоси хоҷагии деҳқонӣ он аст, ки субъекти мустакили хоҷагидорӣ, яъне хоҷагии алоҳида буда ба як шахс ва ё гурӯҳи шахсон тааллуқ дошта, дар тобеияти

хоҷагиҳои дигар намебошад. Кафолати мустақилияти фаъолияти истеҳсолию хоҷагӣ ва молиявию иқтисодии хоҷагии деҳқонӣ тибқи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ муайян ва таъмин карда мешаванд. Дар ҳеҷ сурат хоҷагии деҳқониро барои машғул шудан ба фаъолияти ба манфиаташ номувофиқ ё ба манфиатҳояш мухолифат маҷбур кардан мумкин нест.

Хоҷагии деҳқонӣ дар интихоби намуди фаъолияти истеҳсоли комилан озод буда, фаъолиятеро пеш бурда метавонад, ки барояш фоидаи иқтисодиро таъмин намояд

Аммо мавҷудияти чунин мустақилият ҷавобгарии онро дар назди қонунҳои амалкунанда истисно наменамояд. Вай бояд дар самаранокии истеҳсолот ва афзун шудани масъулиятро дарк карда, бо ҷидду ҷаҳди тамом кӯшиш намояд.

Хоҷагии деҳқонӣ ҳангоми фаъолият бояд талаботи бозори истеъмолиро ба таври хамешагӣ дар мадди назар дошта бошад. Ба назар нагирифтани талаботи бозори истеъмолӣ, кишт ва парвариш намудани ин ё он намуди зироат боиси зарар ё ба даст оварда нашудани даромади муайяни хоҷагии деҳқонӣ мегардад.

Мутобики моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)" хоҷагии деҳқонӣ сохтор ва тарзи истеҳсолотро бо назардошти манфиатҳояш мустақилона муайян мекунад ва метавонад ба ҳар гуна навъи фаъолияте, ки конунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, машғул шавад.

Хоҷагии деҳқонӣ дар шаклҳои зерин буда метавонад.

а) хоҷагии деҳқоние, ки ба соҳибкории инфиродӣ асос ёфтааст;

б) хоҷагии деҳқоние, ки дар он фаъолияти соҳибкорӣ дар шакли соҳибкории оилавӣ сурат мегирад;

в) хоҷагии деҳқоние, ки дар шакли ширкати оддӣ дар заминаи моликияти умумии ҳиссагӣ ташкил шудааст.

Сарфи назар аз он ки хоҷагӣ ба кадом навъи хоҷагии деҳқонӣ тааллуқ дорад, мавқеи ҳуқуқии онҳо як хел аст. Мувофиқи Қонун ба ягонтои онҳо бартарият муқаррар нашудааст.

Тибқи қонунҳои амалкунанда хоҷагии деҳқонӣ ӯҳдадор аст, ки новобаста аз даромади ба даст овардааш андози муқарраршудаи заминро хатман пардохт намояд. Маҳз хамин омил озодию мустақилият ва ҷавобгарии мустақилонаи хоҷагии деҳқониро дар назди қонун ифода менамояд. Давлат вобаста ба ӯҳдадорихои хоҷагии деҳқонӣ ҷавобгар нест.

Мустақилию озодии фаъолияти хоҷагии деҳқонӣ маънои худсариро надорад. Хоҷагии деҳқонӣ дар интихоби кишти намуди зироат ва истеҳсоли маҳсулот набояд аз доираи истеҳсоли махсулоти кишоварзӣ берун шавад. Хоҷагии деҳқонӣ бояд қоидаҳои агротехникӣ ва санитарию гигении заминро риоя намуда, ба харобшавии замин ва бадшавии вазъи экологӣ, паҳншавии бемориҳои сирояткунанда ва монанди инҳо роҳ надихад. Риоя накардани чунин талабот ва қоидаҳо аз тарафи хоҷагии деҳқони боиси дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгари кашида шудани хоҷагии деҳқонӣ мегардад.

Боиси таассуф аст, ки гарчанде сохтори тамоми хоҷагиҳои ҷамоавӣ ва деҳқонӣ дигар шуда бошад ҳам, низоми фаъолияти онҳо дар аксар мавридҳо чун солҳои пеш идома дорад. То ҳанӯз роҳбарияти баъзе хоҷагиҳо талаботи иқтисодӣ бозоргониро хуб дарк накардаанд як қисм хоҷагиҳо ҳамоно аз нигоҳи иқтисодӣ зараровар мебошад.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки хоҷагиҳои деҳқонии инфиродию оилави дар бисёр мавридҳо дар истеҳсоли маҳсулот ва ба даст овардани фоида масъулиятро бештар ҳис карда ба натиҷаҳои хуб ноил мешаванд.

Бинобар ин, тасмим гирифтем ҷихати кумаку тавсия ба деҳқонон оид ба зарар ва фоидаи номгӯи кишту парвариши зироатҳое, ки дар асоси хоҳишу дархости деҳқонон дар шакли нисбатан оммафаҳм пешкаши деҳқонон намоем. Ҳадаф аз интишори маълумотномаи мазкур он аст, ки деҳқонон ҳангоми кишти зироатҳо бо назардошти фоидаоварии онҳо амал карда, манфиати бештаре ба даст оваранд.

Таҷрибаҳо нишон медиханд, ки ҳоло аз замин ду-се ҳосил гирифтан фоидаовар буда, кишти картошка, помидор, пиёз, гандум ва баъдан кишти такрории ҷуворимакка барои дон ва ҳамчунин кишгардони замин кишти юнучқа даромаднок мебошад.

Дар шароити кунунӣ, ки шумораи аҳолии мамлакат сол аз сол рӯ ба афзоиш дорад, самаранок ва оқилона истифода намудани ҳар ваҷаб замин хеле зарур аст. Ба даст овардани ҳосили фаровони маҳсулоти кишоварзӣ ба иҷрои Барномаи озуқаворӣи кишвар мусоидат намуда, боиси осудаҳолии сокинони ҷумҳуриамон мегардад, ки аз самтҳои асосии фаъолияти роҳбарияти давлатамон, алалхусус Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Дар амалӣ гаштани ин иқдоми ҳаётан муҳим ҳиссагузорӣ намудани хар як сокини деҳот, махсусан аъзоёни хоҷагиҳои дехконӣ муҳим ҳисоб меёбанд.



## Кишт ва парвариши гандуми тирамоҳӣ, харочот ба 1 га

| № т/р | Номгӯи харочот | Воҳиди ченак | Маблағ Нарх (сомонӣ) | Маблағи умумӣ (сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| | **Харочот** | | | |
| 1 | Шудгор | 30 л. | 4,70 | 141 |
| 2 | Чизелу мола | 20 л. | 4,70 | 94 |
| 3 | Кишт кардан (дастӣ) | - | - | 80 |
| 4 | Ҷӯяккашӣ | 10 л. | 4,70 | 47 |
| 5 | Музди кори тракторчӣ1 га | - | - | 300 |
| 6 | Тухми гандум | 220 кг | 3,40 | 550 |
| 7 | Нуриҳои минералӣ | 400 кг | 2,80 | 1120 |
| 8 | Обмони (3 маротиба) | - | - | 120 |
| 9 | Андози ягон (ба хисоби миёна) | 1 га | - | 133 |
| 10 | Фонди ҳифзи иҷтимоӣ | 1 га | - | 180 |
| 11 | Пули истифодаи об | 1 га | - | 126 |
| 12 | Музди меҳнат | 1 га | | 227 |
| 13 | Дарав бо комбайн | 1 га | | 500 |
| 14 | Сӯзишвории дизелӣ | 40 л. | 4,70 | 188 |
| 15 | Дигар харочот | | | 150 |
| | **ҲАМАГӢ** | | | **3956** |
| | **Даромад** | | | |
| 1 | Гандум | 4000 кг | 1,5 | 6000 |
| 2 | Коҳ | 2500 кг | | 1000 |
| | **ҲАМАГӢ** | | | **7000** |
| | | | | |
| | Натиҷа: +фоида, -зарар (Даромади соф) | | | **+3044** |



## Кишт ва парвариши пиёз, харочот ба 1га

| №<br>т/р | Номгӯи харочот | Воҳиди ченак | Маблағ Нарх (сомонӣ) | Маблағи умумӣ (сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| | **Харочот** | | | |
| 1 | Шудгор | 30 л. | 4,70 | 141 |
| 2 | Чизелу мола (2маротиба) | 20 л. | 4,70 | 94 |
| 3 | Тахту ҳамворкунӣ | 10 л. | 4,70 | 47 |
| 4 | Музди кори тракторчӣ | 1 га | - | 350 |
| 5 | Тухми пиёз | 20 кг | 80,00 | 1600 |
| 6 | Кишт бо сеялка (чуяккашӣ) | 20 л. | 4,70 | 94 |
| 7 | Хишоваи пиёз (3-маротиба) | | | 600 |
| 8 | Нурихои минералӣ | 400 кг | 2,80 | 1120 |
| 9 | Обмонӣ (13 маротиба) | - | - | 450 |
| 10 | Дигар корҳои дастӣ | - | - | 100 |
| 11 | Андози ягон (ба хисоби миёна) | 1 га | - | 133 |
| 12 | Фонди ҳифзи ичтимоӣ | 1 га | - | 180 |
| 13 | Пули истифодаи об | 1 га | - | 136 |
| 14 | Коркарди химиявӣ | - | | 200 |
| 15 | Дигар харочот | | | 200 |
| 16 | Чамъоварии пиёз | - | - | 1000 |
| | **ҲАМАГӢ** | | | **6445** |
| | **Даромад** | | | |
| 1 | Ҳосили пиёз | 25,0 тонна | 1,00 | 25000 |
| | **ҲАМАГӢ** | | | **25000** |
| | | | | |
| | Натиҷа: +фоида, -зарар (Даромади соф) | | | **+18555** |



# Кишт ва парвариши помидор, хароҷот ба 1га

| № т/р | Номгӯи хароҷот | Воҳиди ченак | Маблағ Нарх (сомонӣ) | Маблағи умумӣ (сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| **Хароҷот** | | | | |
| 1 | Шудгор | 30 л. | 4,70 | 141 |
| 2 | Чизелу мола | 20 л. | 4,70 | 94 |
| 3 | Тахту ҳамворкунӣ | 10 л. | 4,70 | 47 |
| 4 | Музди кори тракторчӣ 1 га | - | - | 350 |
| 5 | Тухми помидор | 2кг | 200,00 | 400 |
| 6 | Тайёр кардани парварда | | | 300 |
| 7 | Кучатшинонӣ (55 ҳаз.дона) | 1 га | | 150 |
| 8 | Култиватсия (3 маротиба) | 3 га | | 200 |
| 9 | Сӯзишворӣ | 30 л. | 4,70 | 141 |
| 10 | Обмонӣ (8 маротиба) | - | - | 400 |
| 11 | Чобук (3 маротиба) | | | 300 |
| 12 | Нуриҳои минералӣ | 400 кг | 2,80 | 1120 |
| 13 | Нуриҳои органикӣ | 10000 кг | 0,50 | 5000 |
| 14 | Андози ягон (ба хисоби миёна) | 1 га | - | 133 |
| 15 | Фонди ҳифзи иҷтимоӣ | 1 га | - | 180 |
| 16 | Пули истифодаи об | 1 га | - | 136 |
| 17 | Дигар хароҷот | | | 150 |
| 18 | Музди меҳнати коргарон | 1 га | | 227 |
| | **ҲАМАГӢ** | | | **9469** |
| **Даромад** | | | | |
| 1 | Ҳосили помидор | 35,0 тонна | 0,80 | 28000 |
| | **ҲАМАГӢ** | | | **28000** |
| | | | | |
| | Натиҷа: +фоида, -зарар (Даромади соф) | | | **+18531** |



# Кишт ва парвариши пахта, харочот ба 1га

| № т/р | Номгӯи харочот | Воҳиди ченак | Маблағ Нарх (сомонӣ) | Маблағи умумӣ (сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| **Харочот** | | | | |
| 1 | Шудгор | 30 л. | 4,70 | 141 |
| 2 | Чизелу мола | 20 л. | 4,70 | 94 |
| 3 | Тахту ҳамворкунӣ | 10 л. | 4,70 | 47 |
| 4 | Музди кори тракторчӣ 1 га | - | - | 300 |
| 5 | Тухми чигит | 110кг | 2,20 | 242 |
| 6 | Кишти пахта бо тухмипошак | 10 л. | 4,70 | 47 |
| 7 | Нуриҳои минералӣ | 500 кг | 2,80 | 1400 |
| 8 | Култиватсия (4 маротиба) | 4 га | | 400 |
| 9 | Нуриҳои органикӣ | 10 000 кг | 0,03 | 300 |
| 10 | Андози ягон (ба хисоби миёна) | 1 га | - | 133 |
| 11 | Фонди ҳифзи ичтимоӣ | 1 га | - | 180 |
| 12 | Пули истифодаи об | 1 га | - | 136 |
| 13 | Музди меҳнати коргарон | 1 га | | 227 |
| 14 | Обмонӣ (6 маротиба) | - | - | 300 |
| 15 | Чобук (4 маротиба) | | | 400 |
| 16 | Сӯзишворӣ (нармкунӣ) | 50 л. | 4,70 | 235 |
| 17 | Музди меҳнати чинакчиён | 2500 кг | 0,25 | 625 |
| 18 | Дигар харочот | | | 150 |
| | **ҲАМАГӢ** | | | **5357** |
| **Даромад** | | | | |
| 1 | Ҳосили пахта | 2,5 тонна | 2800 | 7000 |
| 2 | Ғузапоя | 500 дарза | 3-00 | 1500 |
| | **ҲАМАГӢ** | | | **8500** |
| | | | | |
| | Натича: +фоида, -зарар (Даромади соф) | | | **+3143** |



## Кишт ва парвариши карам, харочот ба 1га

кишти такрорӣ

| № т/р | Номгӯи харочот | Воҳиди ченак | Маблағ Нарх (сомонӣ) | Маблағи умумӣ (сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| | **Харочот** | | | |
| 1 | Шудгор | 30 л. | 4,70 | 141 |
| 2 | Чизелу мола | 20 л. | 4,70 | 94 |
| 3 | Тахту ҳамворкунӣ | 10 л. | 4,70 | 47 |
| 4 | Чӯяккашӣ | 10 л. | 4,70 | 47 |
| 5 | Тухми карам | 2 кг | 250,00 | 500 |
| 6 | Тайёр кардани парварда | | | 200 |
| 7 | Кучатшинонӣ (56 ҳаз. дона) | 1 га | | 150 |
| 8 | Култиватсия (3 маротиба) | 3 га | | 150 |
| 9 | Сӯзишворӣ | 30 л. | 4,30 | 129 |
| 10 | Обмонӣ (7 маротиба) | - | - | 250 |
| 11 | Чобуқ (3 маротиба) | | | 150 |
| 12 | Нуриҳои минералӣ | 350 кг | 2,80 | 980 |
| 13 | Нуриҳои органикӣ | 10 000 кг | 0,03 | 300 |
| 14 | Чиниши карам | | | 400 |
| 15 | Дигар харочот | | | 250 |
| 16 | Музди меҳнати коргарон | 1 га | | 227 |
| 17 | Музди меҳнати тракторчӣ | 1 га | | 300 |
| | **ҲАМАГӢ** | | | **4315** |
| | **Даромад** | | | |
| 1 | Ҳосили карам | 20,0 тонна | 0,80 | 16000 |
| | **ҲАМАГӢ** | | | **16000** |
| | | | | |
| | Натича: +фоида, -зарар (Даромади соф) | | | **+11685** |



## Кишт ва парвариши юнучқа, харочот ба 1га

| № т/р | Номгӯи харочот | Воҳиди ченак | Маблағ Нарх (сомонӣ) | Маблағи умумӣ (сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| **Харочот** | | | | |
| 1 | Шудгор | 30 л. | 4,70 | 141 |
| 2 | Чизелу мола (2 маротиба) | 20 л. | 4,70 | 94 |
| 3 | Тахту ҳамворкунӣ | 10 л. | 4,70 | 47 |
| 4 | Ҷӯяккашӣ | 10 л. | 4,70 | 47 |
| 5 | Тухми юнучқа | 20кг | 15,00 | 300 |
| 6 | Кишт кардан | 20 л. | 4,30 | 86 |
| 7 | Музди меҳнати тракторчӣ | 1 га | | 300 |
| 8 | Обмонӣ (12 маротиба) | - | - | 240 |
| 9 | Нуриҳои минералӣ | 200 кг | 2,80 | 560 |
| 10 | Андози ягон (ба хисоби миёна) | 1 га | - | 133 |
| 11 | Фонди ҳифзи иҷтимоӣ | 1 га | - | 180 |
| 12 | Пули истифодаи об | 1 га | - | 136 |
| 13 | Дарав (5-маротиба) | | 150 | 750 |
| 14 | Сӯзишворӣ барои дарав | 100 л. | 4,70 | 470 |
| 15 | Дигар харочот | | | 150 |
| | **ҲАМАГӢ** | | | **3634** |
| **Даромад** | | | | |
| 1 | Хӯроки чорво | 5000 дарза | 3-00 | 15000 |
| | **ҲАМАГӢ** | | | **15000** |
| | | | | |
| | Натиҷа: +фоида, -зарар (Даромади соф) | | | **+11366** |

Ба зироати юнучқа ҳар сол тирамоҳ ба миқдори аз 300 то 500 кг суперфосфат додан лозим аст.



# Кишт ва парвариши бодиринг, харочот ба 1га

| № т/р | Номгӯи харочот | Воҳиди ченак | Маблағ Нарх (сомонӣ) | Маблағи умумӣ (сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| **Харочот** | | | | |
| 1 | Шудгор | 30 л. | 4,70 | 141 |
| 2 | Чизелу мола (2маротиба) | 20 л. | 4,70 | 94 |
| 3 | Ҷӯяккашӣ | 10 л. | 4,70 | 47 |
| 4 | Тухми бодиринг | 3,5кг | 400 | 1400 |
| 5 | Кишт кардан | | | 200 |
| 6 | Музди меҳнати тракторчӣ | 1 га | | 200 |
| 7 | Обмонӣ (6 маротиба) | - | 30 | 180 |
| 8 | Чобуқ (2-маротиба) | | | 100 |
| 9 | Нуриҳои минералӣ | 200 кг | 2,80 | 560 |
| 10 | Нуриҳои маҳалӣ | 5000 кг | - | 150 |
| 11 | Андози ягон (ба хисоби миёна) | 1 га | - | 133 |
| 12 | Фонди ҳифзи иҷтимоӣ | 1 га | - | 180 |
| 13 | Пули истифодаи об | 1 га | - | 136 |
| 14 | Музди меҳнати коргарон | 1 га | | 227 |
| 15 | Захрхимикатҳо | 1 га | | 250 |
| 16 | Дигар харочот | | | 250 |
| | **ҲАМАГӢ** | | | **4248** |
| **Даромад** | | | | |
| 1 | Ҳосили бодиринг | 20 тонна | 1-00 | 20000 |
| | **ҲАМАГӢ** | | | **20000** |
| | | | | |
| | Натиҷа: +фоида, -зарар (Даромади соф) | | | **+15752** |

Кишти бодирингро такроран баъд аз ҷамъоварии маҳсулоти асосӣ низ гузаронидан фоидаовар мебошад



## Кишт ва парвариши сабзӣ, хароҷот ба 1га

| № т/р | Номгӯи хароҷот | Воҳиди ченак | Маблағ Нарх (сомонӣ) | Маблағи умумӣ (сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| **Хароҷот** | | | | |
| 1 | Шудгор | 30 л. | 4,70 | 141 |
| 2 | Чизелу мола | 20 л. | 4,70 | 94 |
| 3 | Тахту ҳамворкунӣ | 10 л. | 4,70 | 47 |
| 4 | Тухми сабзӣ | 8 кг | 60 | 800 |
| 5 | Кишти сабзӣ бо сеялка | 10 л. | 4,00 | 40 |
| 6 | Музди меҳнати тракторчӣ | 1 га | | 300 |
| 7 | Обмонӣ (5 маротиба) | - | 40 | 200 |
| 8 | Нуриҳои минералӣ | 300 кг | 2,80 | 840 |
| 9 | Хишова (3-маротиба) | | | 300 |
| 10 | Чиниши сабзӣ | - | - | 400 |
| 11 | Андози ягон (ба хисоби миёна) | 1 га | - | 133 |
| 12 | Фонди ҳифзи иҷтимоӣ | 1 га | - | 180 |
| 13 | Пули истифодаи об | 1 га | - | 136 |
| 14 | Музди меҳнати коргарон | 1 га | | 227 |
| 15 | Захрхимикатҳо | 1 га | | 250 |
| 16 | Дигар хароҷот | | | 200 |
| | **ҲАМАГӢ** | | | **4288** |
| **Даромад** | | | | |
| 1 | Ҳосили сабзӣ, фурӯш | 15 тонна | 1-00 | 15000 |
| | **ҲАМАГӢ** | | | **15000** |
| | | | | |
| | Натиҷа: +фоида, -зарар (Даромади соф) | | | **+10712** |

Кишти сабзиро такроран баъд аз ҷамъоварии маҳсулоти асосӣ гузаронед ва тирамоҳ барвақтар ҳосилашро ҷамъоварӣ намоед.



## Кишт ва парвариши қулфиной, харочот ба 1га

| № т/р | Номгӯи харочот | Вохиди ченак | Маблағ Нарх (сомонӣ) | Маблағи умумӣ (сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| Харочот | | | | |
| 1 | Шудгор | 30 л. | 4,70 | 141 |
| 2 | Чизелу мола (2маротиба) | 20 л. | 4,70 | 94 |
| 3 | Чӯяккашӣ | 10 л. | 4,70 | 47 |
| 4 | Музди меҳнати тракторчӣ | 1 га | | 300 |
| 5 | Кучати қулфиной | 43 ҳаз. ниҳол | 0,10 | 4300 |
| 6 | Шинондани кӯчат (дастӣ) | | | 200 |
| 7 | Нуриҳои минералӣ | 200 кг | 2,80 | 560 |
| 8 | Обмонӣ (10 маротиба) | - | 40 | 400 |
| 9 | Андози яғон (ба хисоби миёна) | 1 га | - | 133 |
| 10 | Фонди ҳифзи ичтимоӣ | 1 га | - | 180 |
| 11 | Пули истифодаи об | 1 га | - | 136 |
| 12 | Музди меҳнати коргарон | 1 га | | 227 |
| 13 | Хишова 3 маротиба | | | 300 |
| 14 | Култиватсия 2 маротиба | | | 200 |
| 15 | Дигар харочот | | | 300 |
| | **ҲАМАГӢ** | | | **7518** |
| **Даромад** | | | | |
| 1 | Чиниши ҳосил | 5 тонна | 2-50 | 12500 |
| | **ҲАМАГӢ** | | | **12500** |
| | | | | |
| | Натиҷа: +фоида, -зарар (Даромади соф) | | | **+4982** |



## Кишт ва парвариши картошка, харочот ба 1га

| № т/р | Номгӯи харочот | Воҳиди ченак | Маблағ Нарх (сомонӣ) | Маблағи умумӣ (сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| | **Харочот** | | | |
| 1 | Шудгор | 30 л. | 4,70 | 141 |
| 2 | Чизелу мола (2 маротиба) | 40 л. | 4,70 | 188 |
| 3 | Ҷӯяккашӣ | 10 л. | 4,70 | 47 |
| 4 | Тухми картошка | 3000 кг | 2,30 | 6900 |
| 5 | Кишт кардан | | | 200 |
| 6 | Музди меҳнати тракторчӣ | 1 га | | 350 |
| 7 | Обмонӣ (6 маротиба) | - | | 200 |
| 8 | Чобуқ (2-маротиба) | | | 200 |
| 9 | Нуриҳои минералӣ | 400 кг | 2,80 | 1120 |
| 10 | Нуриҳои маҳалӣ | 10000 кг | - | 300 |
| 11 | Култиватсия-нармкунӣ | | | 200 |
| 12 | Андози ягон (ба хисоби миёна) | 1 га | - | 133 |
| 13 | Фонди ҳифзи иҷтимоӣ | 1 га | - | 180 |
| 14 | Пули истифодаи об | 1 га | - | 136 |
| 14 | Музди меҳнати коргарон | 1 га | | 227 |
| 15 | Заҳрхимикатҳо | | | 300 |
| 16 | Дигар харочот | | | 220 |
| | **ҲАМАГӢ** | | | **11042** |
| | **Даромад** | | | |
| 1 | Ҳосили картошка | 20 тонна | 1-20 | 24000 |
| | **ҲАМАГӢ** | | | **24000** |
| | | | | |
| | Натиҷа: +фоида, -зарар (Даромади соф) | | | **+12958** |



## Кишт ва парвариши ҷуворимакка, хароҷот ба 1га

## (барои хӯроки чорво)

(кишти такрорӣ)

| № т/р | Номгӯи хароҷот | Воҳиди ченак | Маблағ Нарх (сомонӣ) | Маблағи умумӣ (сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| | **Хароҷот** | | | |
| 1 | Чизелу мола (2 маротиба) | 40 л. | 4,70 | 188 |
| 2 | Ҷӯяккашӣ | 10 л. | 4,70 | 47 |
| 3 | Тухми ҷуворимакка | 40 кг | 2,0 | 80 |
| 4 | Музди меҳнати тракторчӣ | 1 га | | 200 |
| 5 | Нуриҳои минералӣ | 200кг | 2,80 | 560 |
| 5 | Обмонӣ (4 маротиба) | - | | 150 |
| 6 | Дарав | | | 200 |
| | **ҲАМАГӢ** | | | **1425** |
| | **Даромад** | | | |
| 1 | Баргу поя барои хуроки чорво | 20 тонна | 0-10 | 2000 |
| | **ҲАМАГӢ** | | | **2000** |
| | | | | |
| | Натиҷа: +фоида, -зарар (Даромади соф) | | | +575 |

Дар ҷадвалҳо хароҷоту даромад аз истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, нархи фурӯши маҳсулот, аз нархи миёнаи солонаи 2010, ки дар бозорҳои шаҳр давоми сол ба қайд гирифта шудаанд, арзонтар дар назар дошта шудааст.

www.aist.tj

# Ҷадвали нархи маҳсулоти кишоварзии дар бозорҳои шаҳр ба фурӯш баровардашуда, дар соли 2010 (сомонӣ)

| Номгӯи маҳсулот | Январ | Феврал | Март | Апрел | Май | Июн | Июл | Август | Сентябр | Октябр | Ноябр | Декабр | Ҳисоби миёна |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Картошка | 1,60 | 1,60 | 1,90 | 1,75 | 1,75 | 1,50 | 1,05 | 1,05 | 1,20 | 1,10 | 1,40 | 1,60 | 1,45 |
| Сабзӣ | 0,80 | 0,45 | 0,50 | 0,40 | 1,15 | 2,00 | 2,25 | 2,50 | 1,90 | 1,20 | 1,00 | 1,00 | 1,30 |
| Пиёз | 1,05 | 1,05 | 1,30 | 1,50 | 1,15 | 0,90 | 0,90 | 1,05 | 0,90 | 1,10 | 1,8 | 1,80 | 1,10 |
| Помидор | 11,5 | 8,50 | 12,5 | 12,5 | 7,00 | 4,25 | 1,15 | 1,40 | 1,65 | 1,75 | 3,0 | 7,00 | 6,22 |
| Бодиринг | 11,5 | 9,50 | 12,5 | 12,5 | 2,25 | 2,25 | 1,15 | 1,25 | 1,75 | 1,75 | 5,00 | 7,00 | 5,50 |
| Карам | 2, 50 | 0,75 | 0,95 | 1,25 | 2,00 | 1,75 | 1,75 | 1,75 | 1,40 | 1,25 | 1,20 | 1,50 | 1,50 |
| Гандум | 1,00 | 1,00 | 1,00 | 1,00 | 1,10 | 1,10 | 1,10 | 1,50 | 1,60 | 1,70 | 1,65 | 1,65 | 1,35 |

www.aist.tj

*www.aist.tj*

# Зараррасонҳо ва касалиҳои зироатҳо

## ПОМИДОР

**Зараррасонҳо**

- ширинчаҳо- ширинчаи сиёҳи алафи юнучқа, ширинчаи полизӣ;
- ганданафасакҳо – ганданафасакҳои саҳроӣ;
- трипси тамоку;
- тортанакканна;
- сафедболакҳо;
- кирми тирамоҳӣ;
- кирми полизӣ;
- малах;
- гамбуски колорадоӣ;
- гамбускҳои баргхӯр.

**Касалиҳо**

- макроспориоз ё ки доғҳои хушки помидор;
- фитофтороз ё ки пӯсиши меваи помидор;
- пӯсиши сиёҳи помидор;
- раки бактериявии помидор;
- касалиҳои вирусӣ.

## ҒАЛЛАГИҲО

**Зараррасонҳо**

- ширинчаҳо- ширинчаи соддаи растании хушадор;
- трипсҳо – трипси гандум, трипси саҳроӣ;
- ганданафасакҳо – ганданафасаки гандум;
- кирми саҳроӣ;
- кирми гандум;
- гамбускҳои гандум;
- малаххо – осиёгӣ, мароккашӣ, саҳроӣ;

**Касалиҳо**

- занги зард;
- шираи ордмонанд;
- пусиши реша;
- бактериоз;
- касалиҳои вирусӣ;
- сиёҳмиттаи сахти гандум;
- сиёҳмиттаи пояи гандум;

## ПАХТА

**Зараррасонҳо**

- ширинчаҳо;
- тортанаккана;

**Касалиҳо**

- вилти пахта;
- пӯсиши реша;

- ганданафасаки саҳрой;
- трипси тамоку;
- сафедболакҳо;
- кирми пахта;
- гамбускҳои баргхӯр;
- малах;
- карадрина;
- чербукка.
- гоммози пахта;
- касалиҳои курак;
- сакроспориози пахта.

## Намуд ва меъёрҳои заҳрхимикатҳо, ки зидди касалиҳо ва ҳашарот монанди тортанакҳо, кирми себ, шира, миттаи себ истифода бурда мешаванд

| | |
|---|---|
| Равғани минералии нафти | 40-80л/га |
| Нитрофен 60 % | 40-80кг/га |
| Фосфамид | 10-20кг/га |
| Днок – 40 % | 10-20кг/га |
| Препаратҳои №30, 30а, 30с | 40-60кг/га |

Заҳролуд намудани тухмиҳо

| | |
|---|---|
| ТМТД - 80% | 4 гр. ба 1 кг тухми, |
| Хлорофос – 80% | 0,8 кг ба 1000 рама |
| ГХЦГ – 12 % | 10-15 кг ба 1 га |
| Сера – 80 % | 3,5-4 кг ба 1 Га |

БАҲРИ ДЕҲОТИ ДОРО
www.aist.tj

**Навъҳои тухмии**

**зироатҳои асосии кишоварзӣ**

ГАНДУМ – Сете - серос-66, Наврӯз, Жагер, Стекловидный-24, Добрый, Қирғизӣ-100, Басербой, Сафедаки маҳаллӣ, Ватан, Алекс, Норман, Зафар

ҶУВОРИМАККА-дурагаҳо: Краснодар-613 АТВ, Жеребкови-90 МВ, Имеретинӣ, ВИР-156 ТВ, ВИР-42 МВ, Шухрат, Дилшод, Алтин-53, ЗПК-73.

КАРТОШКА - Лорх, Полёт, Нарымка, Кардинал, Пикасо, Кондора, Зарина, Раджа.

ПОМИДОР – Восток-36, Новинка, Подарок, Ракета, Новичок, Титан, Утро, Факел, Ҳабиба, Гулканд, Аврора.

БОДИРИНГ – Гибрид сюрприз-66 (Ф), гибрид сентябрьский Ф, конкурент, Марғелон-822, Декан, Парад, Беназир.

САБЗӢ - Артек, Мирзои зард-304, Мирзои сурх, Мушаки сурх, Нантская-4.

БЕХПИЁЗ – Испан-313, Ленинабодии кульча, Дустӣ, Пешпазак, Самаркандии сурх-172, Партер.

КАЛЛАКАРАМ - Ашқабодӣ, Апшеронӣ зимистонӣ, Бағирс, Душанбеи дерпаз, Июнӣ, Тошкентӣ 10.

ЛАБЛАБӮИ ҚАНД - Қирғизи-0,58, Романовӣ-06, Бордо 237.

ШОЛӢ – ВРОС-3716, УзРОС-7-13, Лазурӣ, Авангард.

ЗАҒИР – Ҳисорӣ -474, Бахмалӣ-2.

**Мӯҳтарам сардорони хоҷагиҳои деҳқонӣ!**

Шумо дар сурате соҳиби даромади софи мегардед, ки агар коидаҳои агротехникии киштро риоя намоед.

Бинобар ин, хоҳиш менамоем, ки пеш аз ҳама заминро фиреб накарда, онро бо пошидани нуриҳои минералӣ ва органикӣ серғизо гардонед.

Тавре гузаштагон гуфтаанд «ба замин як бидиҳӣ, он сад бидиҳад».

Пеш аз зимистон барои нест кардани ҳашароти зараррасон яхобмониро фаромӯш накунед. Дар мадди назар дошта бошед, ки фоиданокии кишти тирамоҳӣ нисбат ба кишти баҳорӣ ба маротиб зиёд аст.

Ба замин тухмеро кишт кунед, ки навъи олӣ ё репродуксияи якуму дуюм буда, аз ташхиси лабаратории Хадамоти фитосанитарӣ, карантини растаниҳо ва тухмии назди Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузашта бошад.

Ҳамчунин, ба киштгардони заминҳо аҳамияти махсус деҳед, зеро кишти ҳамасолаи гандум дар як замин ҳеҷ гоҳ, ба манфиати шумо нест ва ба харобшавии замин оварда мерасонад.

Ҳисобдорию ҳисобгирии даромаднокии зироатҳои кишоварзй собит месозад, ки бештар парвариши пиёз, картошка ва сабзавот фоидаовартаранд. Шумо, ки соҳиби замини зиёд нестед, аз ҳар гектар замини дар ихтиёратон буда, самаранок ва оқилона истифода бурда кишти такрориро дар заминҳои аз маҳсулоти асосӣ холӣшуда, саривақт гузаронед.

Мо орзуманди осудагию ободӣ, серию пурӣ ва зиндагии оромонаи хонаводаи шумо хастем.